**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Академик________________Ниризода Ҷ.С.
«06» 06 2024с.

**Хулосаи**
**Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Ба кори диссертатсионии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D) аз рӯйи ихтисоси: 6D05.06.00. – Иқтисодиёт (6D 050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ). Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Дар давраи иҷрои диссертатсия Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло докторанти (PhD) шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон буда, таҳқиқотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмӣ соли 2019 дар шуъбаи мазкур оғоз намудааст.

Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло соли таваллудаш 1996, миллат – тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, соли 2017 донишгоҳи мазкурро дар зинаи бакалавр бо ихтисоси геодезия хатм намудааст. Соли 2017 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур ба факултети гидромелиоративӣ аз рӯйи ихтисоси 1-560101 – заминсозӣ, дар зинаи магистратура дохил шуда, соли 2019 донишгоҳи мазкурро бо баҳои хубу аъло бо ихтисоси заминсозӣ хатм намудааст. Соли 2019 тибқи Фармони АИКТ таҳти №84 аз 31 августи соли 2019 ба докторантура аз рӯи ихтисос PhD-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дохил шуда, соли 2022 онро бо мувафақият хатм намуда, кори илмиашро дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти

дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D) аз рӯйи ихтисоси: 6D05.06.00. – Иқтисодиёт (6D 050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) дар муҳлати муайяншуда омода ва барои дифоъ пешниҳод намудааст.

Имтиҳонҳои фарқияти магистратураро аз рӯи ихтисоси "Иқтисодиёт ва идора дар КАС" дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо баҳои хубу аъло супорида соҳиби Шаҳодатнома №1 аз 30.10.2023 гардидааст. Инчунин имтиҳонҳои фарқияти докторантура (PhD) аз рӯи ихтисоси "Иқтисодиёт дар КАС" дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон бо баҳои хубу аъло супорида соҳиби Шаҳодатнома №2 аз 13.12.2023 гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Насиров Раҳимбек.

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** То солҳои 90-уми асри гузашта деҳот ҳамчун мафҳум ва объекти таҳқиқоти ҷиддии илмӣ набуд. Дар беҳтарин ҳолат, онро бо ғояҳо дар бораи рушди кишоварзӣ иваз мекарданд. Аммо, мафҳумҳои «кишоварзӣ» ва «деҳот» ба ҳеҷ ваҷҳ синоним нестанд ва ҳатто бештар аз ин, онҳо ба ҳамдигар шабеҳ намебошанд. Дарк нанамудани ин, сифати назария ва амалияи таъсисёбии давлатдориро коҳиш дода, ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот низ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи ин мафҳум ҳатмӣ мебошад, ки он, алалхусус аз нуқтаи назари иқтисоди миллӣ метавонад дар ҳалли бисёр мушкилотҳо, дар роҳи эҳёи деҳот ва ҳам кишвар низ саҳмгузор бошад. Ҷузъҳои муҳими ҷомеа ва давлат аз нигоҳи сохторҳои иҷтимоию ҳудудиашон ба шаҳр ва деҳот тақсим мешаванд. Пайвастагиҳо ва муносибатҳои онҳо ҷанбаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро ташкил медиҳанд ва яке аз муҳимтарин меъёрҳои сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, дарки амиқи нақш ва мавқеи онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ зарур аст, омӯзиши онҳо ба ташаккул ва ғанӣ гардонидани самти нави илмӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои мухталифи он мусоидат мекунад.

Аз замонҳои қадим байни шаҳр ва деҳот чӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чӣ фарҳангӣ – иҷтимоӣ фарқият вуҷуд дошт ва одамон ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки ин фарқиятҳоро тағйир ё то ҳадди имкон коҳиш диҳанд. Дар ин самт нақши муҳимро худи сокинони деҳот ва ҳам дар маҷмуъ давлат мебозад, ки омӯзиши ҷиддӣ, пайдоиш ва дар ин замина қабул кардани пешниҳодҳои мувофиқ ва илман асоснок карда шударо талаб

менамояд, ки онҳо ба ноил гаштани ин раванд мусоидат кунанд ва шароитҳои лозимаро фароҳам оранд.

Яке аз сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ки мавқеи хосеро дар миқёси ҳудудӣ – иҷтимоӣ ишғол менамояд, шаҳр ва деҳот мебошанд. Ҳампайвастаги ва ҳамкории онҳо дар самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои сатҳи рушди самтҳои мазкурро дар миқёси ҷумҳурӣ иҷро менамоянд.

Агар аксари адабиёт барои омӯзиши шаҳр бахшида шуда бошанд ва якчанд бахши махсуси дониши иқтисодии шаҳр ташаккул ёфта бошад, пас дар ин робита деҳот низ аз таваҷҷуҳи олимон, сиёсатмадорон, таҳқиқотчиён ва бахши донишҳои ба он мувофиқи иқтисодӣ, ки дар айни ҳол босуръат рушд карда истодаанд, андаке ҳам бошад, дур мондааст. Ин маънои онро дорад, ки нақши деҳот, хусусан инфрасохтори иҷтимоӣ ва мавқеи он дар ҳаёти ҷомеа ва давлат ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта ва таҳқиқ нашудаанд. Ин ҳолат метавонад боиси баҳисобгирии нодуруст ва сатҳи рушди сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии на танҳо деҳот, балки ба ҷомеа низ таъсири манфӣ расонад.

Айни замон дарки мақсад ва зарурати рушди устувори деҳот ба назар мерасад. Бисёре аз мушкилотҳо муайян карда шудаанд, аммо стратегияи ҳалли онҳо бояд такмил дода шавад. Одатан, кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки бо мушкилоти мавҷудаи деҳот, аз қабили инфрасохтори иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва таъминотӣ, дар асоси фаъолиятҳои пароканда ба ҳам алоқаманд набуда, бидуни ҳамоҳангӣ ва мувофиқа бо барномаву лоиҳаҳо, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисон ҳал карда шудааст. Чунин ҳолат аз набудани таҷрибаи кофӣ ва аксаран аз сустии қобилияти диди мушаххасот ва хусусиятҳои хоси рушди деҳот, ки ба амал меояд, вобаста мебошад.

Зарурати муайян кардани роҳҳои рушди минбаъдаи деҳот, таҳия ва татбиқи барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, модел, консепсия ва самтҳое лозиманд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва дастгирии давлат ба фаъолияти иқтисодии аҳолии он нигаронида шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Рушд ёфтани интенсификатсия дар соҳаҳои мухталифи истеҳсолоти кишоварзӣ, ки тадриҷан амалӣ гашта истодааст яке аз роҳҳои классикии ҳалли мушкилоти деҳот мебошад, вале он бозсозии ҷиддиро талаб мекунад. Барои ҳалли он чунин равиш, модел ё самте лозим аст, ки ҳалли тамоми мушкилотҳои асосии деҳотро дар доираи консепсияи ягонаи рушди устувори он мутаҳид намояд ва гуфтаҳои дар боло овардашуда

дар маҷмуъ, аҳамият, мақсад ва вазифаҳои мавзуи рисолаи мазкурро нишон медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмии мазкур, пеш аз ҳама, бо барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумхурии Точикистон аз 11 июли соли 2015, № 522), Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019 – 2021 ва Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоӣ дошта, бахри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018 – 2022 ва Лоиҳаи «Таҳияи механизми иқтисодию иҷтимоии ташаккули инфрасохтори деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025, РҚД 0121TJ1092 алоқаи мустақим дорад.

**Мақсади таҳқиқот** аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани асосҳои назариявӣ ва методӣ, муқаррароти консептуалӣ оид ба рушди инфрасохтори деҳот, хусусан самти иҷтимоӣ дар шароити маблағгузории нокофии буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ бо назардошти ҳолатҳои экологӣ ва захираҳои табиӣ, ки ба сатҳи иҷтимоию иқтисодии деҳот таъсир мерасонанд, мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат мебошанд:**

•омӯхтани асосҳои назариявӣ, илмӣ ва методологии мафҳумҳо оид ба инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва таъмини рушди бо ҳам пайвастагии он;

•тавсифи вазифаҳо, мушкилотҳо, методология ва заминаҳои иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот;

•омӯзиш ва хулосабарории таҷрибаи давлатҳои хориҷи кишвар ва дар асоси онҳо пешниҳодҳои мушаххас оид ба таъминоти беҳтари рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот;

•таҳлили ҳолати ҳозираи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва мушкилотҳои мавҷуд будаи рушди он;

•арзёбии самтҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, соҳаи кишоварзӣ ва самаранокии он;

•таҳияи консепсия ва модели рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо дар назардошти омилҳои молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, захираҳои табиӣ, амалисозии лоиҳа ва барномаҳои махсус;

•такмили механизмҳои дастгирии давлат дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии онҳо.

**Объекти таҳқиқот** Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар пешбурди фаъолияти кори илмӣ, ин шароит ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, самтҳои мушаххаси он, системаҳои маъмурию ҳудудии деҳот дар шароити беҳбудии иҷтимоӣ ва таъмини самаранокии ҳолати онҳо мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқот** ин шароит ва хусусиятҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, самтҳои мушаххаси он, системаҳои маъмурию ҳудудии деҳот дар шароити беҳбудии иҷтимоӣ ва таъмини самаранокии ҳолати онҳо мебошанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба мушкилотҳои рушди устувори деҳот, таъсири он ба рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ ва ноил гаштани аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ хусусан НТҶ ба сатҳи беҳтари зиндагӣ ташкил медиҳанд. Мушкилотҳои вуҷуд доштаи аҳолии деҳот оид ба норасоги ҷойи корӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, корхонаҳои саноатӣ ва коркарди маҳсулот, ҳифз ва нигоҳ доштани сатҳи баланди зиндагӣ, ҳолати экологӣ ва ҳалли масъалаҳои шуғли судманди аҳолии деҳот таҳқиқ карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои илмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва муассисаҳои илмии тобеи он, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигар муассисаҳои илмӣ истифода шудаанд. Инчунин мушоҳидаи мушкилотҳои вуҷуд доштаи аҳолии деҳот оид ба ҷойи кор, ташкили бозорҳои истеъмолӣ, корхонаҳои саноатӣ ва коркарди маҳсулот, ҳифз ва нигоҳ доштани сатҳи баланди зиндагӣ, ҳолати экологӣ ва ҳалли масъалаҳои шуғли судманди аҳолии деҳот ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз маҷмуи муносибатҳо оид ба омӯзиш ва таҳияи қоидаҳои назариявӣ, заминаи методологии мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, захираҳои табиӣ ва экологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самтҳои умедбахши ҳалли онҳо иборатанд:

• дар асоси омӯхтани асосҳои назариявӣ ва методологии моҳият, самтҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити барзиёдии

захираҳои меҳнатӣ, номукаммалии инфрасохтори иҷтимоӣ барои фароҳам овардани шароити мусоид ва некуаҳволии мардум, таъмини бехатарии озуқаворӣ, чорабиниҳои мушаххас (ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди хизматрасониҳо, сармояи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ ва инсонӣ) пешниҳод гардидаанд;

• омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ақидаҳои гуногуни олимони соҳа имкон дод, ки мафҳуми муаллиф оид ба инфрасохтори иҷтимоии деҳот «Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи объектҳое мебошанд, ки барои мустақим қонеъ кардани талаботи (инсон) одамон хусусан сокинони деҳот, инчунин таъмини сатҳи муайяни зиндагӣ, тарбияи такрористеҳсолёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳаётии инсон ба хусусиятҳои хоси иқтисодӣ - бозоргонӣ пешбинӣ шуда мебошад», пешниҳод гардад;

• таҷрибаи давлатҳои пешқадами хориҷӣ, ки дар ҳолати дигаргуншаваии шароити иқлимӣ, тенденсияи баланди афзоиши аҳолӣ ва дигар қазияҳои мавҷудаи минтақавӣ (Исроил, Чин, ШМА, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Русия) нигоҳ накарда, инфрасохтори иҷтимоии деҳотҷойҳояшон рушд ёфта истодааст, таҳлил намуда дар асоси принсипҳо, тадбирҳо ва сиёсати пешгирифтаи онҳо баҳри таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот пешниҳодҳо ва тадбирҳои мушаххас тавсия шудааст;

• дар натиҷаи таҳлили ҳолати кунунии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, соҳаи кишоварзӣ, самтҳои асосии такмил, ташкил ва ободонии деҳот (кооператсия, механизатсия, ҷалби сармоя, такмили малакаи касбӣ, ҷорӣ намудани иноватсияҳо дар асоси муайян намудани нуқтаҳои рушд) муайян шудаанд;

• самтҳои асосии молиявӣ (қарз, субсидияҳо ва ғайра), иҷтимоӣ (зиёд намудани саҳми давлат дар рушди инфрасохори деҳот), захираҳои табиӣ (истифодаи оқилонаи замин, иқлим, рекратсионӣ ва экологӣ) ва амалисозии лоиҳаҳо, барномаҳо, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таъмин менамоянд, коркард шудаанд;

• дигаргунсозии институтсионалии идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ (ҷалби сармояи бахши хусусӣ, таъминоти аҳолӣ бо манзил, оби нӯшокӣ, рушди агролизинг, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, рушди суғуртаи кишоварзӣ, хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳолати экологӣ, самтҳои хизматрасонӣ, таъминотӣ, дастгирии молиявии соҳаи коркард ва ғайра) тавсия шудаанд.

**Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшудаи таҳқиқот:**

- омӯхтани асосҳои назариявӣ, методологӣ, моҳият ва самтҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва номукаммалии инфрасохтори иҷтимоӣ;
- омӯзиши мафҳум ва ақидаҳои гуногуни олимони соҳа оид ба инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва назари муаллиф нисбати он;
- таҷрибаи давлатҳои пешқадами хориҷӣ, дар ҳолати дигаргуншавии шароити иқлимӣ ва тенденсияи баланди афзоиши аҳолӣ;
- таҳлили ҳолати кунунии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, соҳаи кишоварзӣ, самтҳои асосии такмил, ташкил ва ободонии он;
- самтҳои асосии молиявӣ, иҷтимоӣ, захираҳои табиӣ, амалисозии лоиҳаҳо, барномаҳое, ки рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таъмин менамоянд;
- дигаргунсозии институтсионалии идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки нуқтаҳои назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо метавон дар таҳияи тавсияҳои амалии илман асосноккардашуда дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот истифода шаванд. Рисолаи мазкур натиҷаи илмию амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба ҷанбаҳои гуногуни рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар бар мегирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии моҳияти идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, нишондиҳандаҳо ва методологияи баҳодиҳӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, арзиёбии вазъи муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоӣ – иқтисодӣ, мукаммалгардонии асосҳои идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тавассути сармоягузорӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушди оянда, ташаккули инфрасохтори истеҳсолӣ дар шароити гуногуншавии моликият, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат мекунад, иборат аст. Хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин тавсияҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ метавонанд, ҳамчун дастури методӣ дар раванди таҳияи сиёсати иҷтимоии деҳот ва чун воситаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бозомӯзонидани кормандони соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Рисолаи мазкур бо бандҳои зерини Шиносномаи тахассусҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тахассуси 6D050608 –

Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ; 10. Асосноккунонии пешниҳодот ва дурнамои рушди комплексӣ агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии ташкил ва фаъолияти бизнеси хурд ва миёна дар КАС ва деҳот; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 34. Ташаккул ва рушди КАС дар сохтори диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 39. Рушди устувори деҳот ва махсусиятҳои инфрасохтори иҷтимоии он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асосноккардашуда оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он, ҳалли мушкилотҳои мавҷуда, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва ҳавасмандии аҳолии деҳот баҳри ободонии он саҳмгузор мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10. 2016, №392), Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумхурии Точикистон аз 11 июли соли 2015, № 522), Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019 – 2021 ва Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳамияти иҷтимоӣ дошта, баҳри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018 – 2022 ва Лоиҳаи «Таҳияи механизми иқтисодию иҷтимоии ташаккули инфрасохтори деҳот дар Ҷумхурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025, РҚД 0121TJ1092 инъикос ёфта, иҷро гардидааст.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсионӣ дар доираи иштироки докторант дар раванди иҷрои татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот Шуъбаи ҳифзи иҷтимоӣ, ислоҳоти иқтисодӣ ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор дар “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2026-2030” татбиқ гардида, бо маълумотнома аз 10 августи соли 2022, №43 тасдиқ гардидааст. Инчунин дар Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисоли “Модели стратегияи рушди инфраохтори иҷтимоии деҳот”, “Марҳилаҳои рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот” ва “Модели идоракунии давлатии

инфрасохтори иҷтимоии деҳот” истифода шуда, бо маълумотнома аз 11 августи соли 2022, №2/5-296 тасдиқ гардидааст.

**Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Абдуллаев С. И., Ҳасанов А.А. Истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, асоси пешрафти иқтисодиёти кишвар ба заминаи дурахшони зиндагии истеъмолкунандагон [Матн] С. И. Абдуллаев, А.А. Ҳасанов //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе – 2019 с. №3 (83), с.176-180, ISSN 2074-5435. [0,15 ҷ.ч. муаллиф].

[2-М]. Абдуллаев С. И. Тамоюлҳои рушди иқтисодию иҷтимоии деҳот дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ [Матн] С. И. Абдуллаев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе – 2021 с. №4 (93), с.211-215, ISSN 2074-5435, [0,31 ҷ.ч. муаллиф].

[3-М]. Абдуллаев С.И. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи иқисодӣ ва таъсири он ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. [Матн] С. И. Абдуллаев // Маҷалаи илмӣ “Гузоришҳои АИКТ” Душанбе -2021 с. № 4 (70), с.91-96. ISSN 2218-1814, [0,37 ҷ.ч. муаллиф].

[4-М]. Абдуллаев С. И., Насиров Р. Ҳолати кунунии соҳаи кишоварзӣ ва таъсири он ба рушди деҳот [Матн] С. И. Абдуллаев, Р. Насиров // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе – 2022, №1 (94), с.90-95, ISSN 2074-5435, [0,37 ҷ.ч. муаллиф].

[5-М]. Абдуллаев С.И. Моҳият ва самтҳои назариявии рушди деҳот [Матн] С. И. Абдуллаев // Маҷалаи назарияви ва илмию амалӣ “Пайёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ”, Душанбе – 2022, №3, с.175 – 183, ISSN 2413-5151, [0,56 ҷ.ч. муаллиф].

**б) дар дигар нашриҳо:**

[6-М]. Абдуллаев С.И., Амакджонова С., Арбобзода Х.А. Инвестиционная деятельность как важнейший фактор роста национальной экономики республики таджикистан [Матн] С. И. Абдуллаев, С.Амакджонова, Х.А. Арбобзода // Маводи конференсияи илмию амалӣ дар мавзӯи “Арзёбии бозори маҳсулоти боғу токпарварӣ ва дурнамои инкишофи он дар минтақаҳои

ҷумҳурии тоҷикистон" Институти иқтисодиётӣ кишоварзӣ. Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Душанбе -2019, "Эр-граф", с.199-205, ISBN 978-99975-906-4-0, [0,14 ҷ.ч. муаллиф].

[7-М]. Абдуллаев С.И., Саидмуродзод Ҷ.Ҷ., Тураев А.А. Нақши системаи геоиттилоотӣ дар рушдӣ соҳаи сайёҳӣ [Матн] С. И. Абдуллаев, Ҷ.Ҷ. Саидмуродзод, А.А. Тураев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Моҳияти системаи геоиттилоотӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа" ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе -2020. с. 16-21, [0,10 ҷ.ч. муаллиф].

[8-М]. Абдуллаев С.И., Насиров Р. Асосҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот: мафҳум ва моҳият [Матн] С. И. Абдуллаев, Р.Насиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Моҳияти системаи геоиттилоотӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа" ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе - 2021, с.9 – 14, [0,15 ҷ.ч. муаллиф].

[9-М]. Абдуллаев С.И. Нақш ва вазифаҳои асосии рушди деҳот [Матн] С. И. Абдуллаев // Маводҳои конфренсияи илмӣ – амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мазуи "Рушди илми кишоварзӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Душанбе:- 2021, с. 255 – 261. ISBN 978-99985-62-68-4, [0,43 ҷ.ч. муаллиф].

[10-М]. Абдуллаев С.И., Насиров Р. Об, истифодабарии ва таъминоти он ба аҳолии деҳот дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ [Матн] С. И. Абдуллаев, Р.Насиров // Маводҳои конфренсияи байналмиллалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи "Захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати муосир дар доираи даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028" ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе -2021, с.6 – 11, [0,18 ҷ.ч. муаллиф].

[11-М]. Абдуллаев С.И. Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва саҳми он дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот [Матн] С. И. Абдуллаев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Идоракунии устувори замин, рушди геодезия ва геоинформатика дар давраи истиқлолияти давлатӣ" ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, Душанбе -2022 , с. 8 – 11. [0,25 ҷ.ч. муаллиф].

## ХУЛОСА:

1. Кори диссертатсионии доктаранти (Ph.D)-и Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)»

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D05.06.00. – Иқтисодиёт (6D 050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Кори диссертатсионии докторант аз рӯйи ихтисоси (PhD) Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D05.06.00. – Иқтисодиёт (6D 050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) бо дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи ҷаласаи васеъи шуъбаҳои шуъбаҳои омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатӣ, омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣ, омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ ва омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (протоколи № 5/1 аз «06» июни соли 2024) тасдиқ шудааст.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор – 19 нафар, Зид – нест, Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

Раисикунанда, д.и.и., профессор, академики АИКТ
директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
АИКТ Пиризода Ҷ.С.

Котиби ҷаласа, котиби илмии Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Файзов Н.Б.

Имзоҳои Пиризода Ҷ.С., Файзов Н.Б.-ро
тасдиқ мекунам: Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.